آوازتاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

22 июни соли 2022
Чоршанбе
№ 50 (14855)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail:
ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

*Ҷамъбасти ташрифи таърихии давлатии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон молики воқеан хусусияти пешравандa дорад. Мо ҳоло тамоми шароитро барои минбаъд мустаҳкам намудани дӯстии ду мардуми бародар ва амиқсозии шарикии стратегии мамлакатҳоямон ташаккул додем.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон***

### ЎЗБЕКИСТОН — ОЗАРБОЙҶОН:

# БАРОИ ОЯНДАИ ҲАМКОРИИ ДУ КИШВАР ТАҲКУРСИИ МУСТАҲКАМ ГУЗОШТА ШУД



**Бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев 21 июн бо ташрифи давлатӣ ба кишварамон омад.**

Дар ҷаҳон миллату халқҳое, ки забон, анъана, суннат, маданият ва ҳатто намуди зоҳирии монанд доранд, зиёданд. Бо шуҷоат метавон ба ҷумлаи чунин халқҳо ўзбекону озарҳоро мансуб донист. Намояндагони ин ду халқ якдигарро бе тарҷума мефаҳманд. Бисёр муштаракотро дар тарзи ҳаёт, эҷодиёти даҳонакӣ, адабиёти хаттии ду халқ дидан мумкин аст.

Инчунин бисёр ҷанбаҳое вуҷуд доранд, ки ин ду халқи бузургро дар тӯли ҳазорсолаҳо пайванд намудааст. Мисоли дурахшони дӯстии қадима, бародарӣ ва ягонагӣ китоби «Авасто» мебошад, ки ёдгории умумии мардумамон ба шумор меравад ва ҳамчунин дурдонаҳои ҷовидонаи эҷодиёти даҳонакии халқ «Гӯрӯғлӣ», «Ошиқ Ғариб», «Дада Қӯрқут» низ аз ҳамин ҷумлаанд. Ҳамоҳангии шоҳасари мусиқии мақоми нодири ўзбекӣ ва муғоми бетакрори озарӣ қаробати байни ду халқро инъикос менамоянд.

Ба туфайли иродаи сиёсӣ ва сиёсати оқилонаи дурандешонаи президентҳо солҳои охир ҳамкориҳои бисёрҷанбаи байни мамлакатҳоямон ба дараҷаи нав баромада, дӯстии халқҳоямон мустаҳкам гардид.

Сафари давлатии Президенти Озарбойҷон аз ифтитоҳи кӯчаи ба номи Ҳайдар Алиев дар шаҳри Тошканд ва ёдгории ў оғоз шуд.

Дар маросими тантанавӣ Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев иштирок карданд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар назди ҷамъомадагон нутқ эрод намуда, эҳтиромашро нисбат ба Пешвои умумимиллии Озарбойҷон ва тамоми халқи бародари Озарбойҷон изҳор кард.

– Дар он маънии амиқ ниҳон аст, ки сафари давлатии Президент Илҳом Алиев дар Ўзбекистон аз маросими тантанавии ифтитоҳи кӯча, ки ба шарафи Пешвои умумимиллии халқи Озарбойҷон, дӯсти бузурги халқи ўзбек Ҳайдар Алиев гузошта шудааст, оғоз ёфт.

Ў ба таърих ҳамчун арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатии асри XX, меъмори Озарбойҷони соҳибистиқлол ворид шуд. Ба туфайли азми устувор, иродаи қавии сиёсӣ ва хислатҳои барҷастаи роҳбарии Ҳайдар Алиев давлати ҷавони соҳибистиқлол тамоми мушкилоту озмоишҳоро муносиб паси сар кард, – гуфт Президенти мамлакатамон.

Сарвари Ўзбекистон ба саҳми бузурги Пешвои умумимиллии Озарбойҷон дар таҳкими пайвастаи муносибатҳои дӯстии байни ду кишвар ва робитаҳои таърихии ду халқи бародар таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд.

Дар навбати худ, Президенти Озарбойҷон қайд кард, ки ин нахустин сафари хориҷии ў пас аз пандемия буд ва ба сарвари давлатамон ва халқи Ўзбекистон барои эътибору ғамхории доимӣ ба гиромидошти хотираи неки Ҳайдар Алиев изҳори сипос намуд.

– Ман аз бародари азизам Шавкат Миромонович барои ташаббуси ташкил кардани чунин гӯшае дар маркази Тошканд, ки ба хотираи падарам Ҳайдар Алиев бахшида шудааст, хеле миннатдорам. Мо инро ба сифати муносибати воқеан бародарии бародарони ўзбекамон ба пешвои бузурги мо, таърихи умумии мо қабул мекунем. Ин ифодаи эҳтиром ба тамоми мардуми Озарбойҷон аст, – қайд кард роҳбари Озарбойҷон.

Дар маросим намояндагони зиёиён, насли калонсол ва диаспораи озарбойҷонӣ дар Ўзбекистон низ суханронӣ карданд. Онҳо таъкид намуданд, ки кӯчаву хиёбонҳои ободу зебои ба номи Ҳайдар Алиев рамзи равшани дӯстии абадии ду халқи бародар аст.

Дар Ўзбекистон қариб 40 ҳазор озарбойҷонӣ зиндагӣ мекунанд. Соли 2003 Ассотсиатсияи марказҳои фарҳангии Озарбойҷон таъсис ёфт. Соли 2010 дар бинои сафоратхонаи Озарбойҷон бинои нави Маркази фарҳангии Озарбойҷон ба номи Ҳайдар Алиев ба истифода дода шуд.

Сипас Президенти Озарбойҷон бо ҳамроҳии сарвари давлатамон ба боғи «Ўзбекистони Нав» ташриф оварда, ба пояи муҷассамаи Истиқлолият гул гузошт.

Бояд гуфт, ки маросими гул гузоштан ба пояи ин муҷассама аз ҷониби меҳмонони олимақом, ки ба кишвари мо меоянд, ба ҳукми анъана даромадааст.

Дар қароргоҳи «Кӯксарой» маросими тантанавии мулоқоти расмии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев баргузор гардид.

Дар майдони бо парчамҳои давлатии ду кишвар ороёфта ба ифтихори Президенти Озарбойҷон қаровули фахрӣ саф орост.

Меҳмони олиқадрро Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев пешвоз гирифт.

Сарони ду давлат ба шоҳсуфа баромаданд. Мадҳияҳои давлатии Ўзбекистон ва Озарбойҷон садо доданд. Қаровули фахрӣ бо тантана аз пеши сарони давлатҳо гузаштанд.

Дар маросим аъзои ҳайатҳои расмии Ўзбекистон ва Озарбойҷон иштирок карданд.

Пас аз маросими истиқболи расмӣ Шавкат Мирзиёев ва Илҳом Алиев дар доираи маҳдуд вохӯрӣ гузаронданд.

Сарони давлатҳо оид ба густариши минбаъдаи муносибатҳои бисёрҷанбаи шарикии стратегии Ўзбекистону Озарбойҷон табодули афкор намуданд.

Рушди босуръати ҳамкориҳои дуҷониба бо қаноатмандӣ қайд карда шуд. Солҳои охир ҳаҷми муомилоти моли байни ду кишвар пайваста меафзояд. Шумораи корхонаҳои муштарак чор баробар афзуд.

Яке аз лоиҳаҳои бомуваффақияти муштарак дар моҳи сентябри соли 2021 ба кор даровардани корхона оид ба васлкунии мошинҳои Ўзбекистон дар Озарбойҷон шуд. Дар ҷараёни форуми соҳибкорон, ки дар арафаи сафар баргузор шуд, созишномаҳои нави сармоягузорӣ ва тиҷоратӣ ба маблағи беш аз ним миллиард доллар ба имзо расид.

Ба мақсади минбаъд васеъ гардондани ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ дар рафти мулоқот роҳбарони Ўзбекистон ва Озарбойҷон дурнамои ҳамкориҳои кооперsucceed

Ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаи коммуникатсияи нақлиётӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Муҳимияти рушди долонҳои мултимодалии нақлиётӣ, мақбулгардонии тарифҳо барои ҳамлу нақли борҳо қайд гардид.

Сарони ду кишвар аҳамияти ҳамкориҳои мутақобиларо дар рушди ҳамкориҳои байниминтақавӣ, баргузории чорабиниҳои муштараки корӣ ва фарҳангӣ, вусъат додани табодули сайёҳӣ қайд карданд.

Сарони давлатҳо ҳамчунин доир ба вазъи байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор намуда, масъалаҳои идомаи муколамаи пуршиддат ва дастгирии мутақобила дар чаҳорчӯби сохторҳои бисёрҷанбаро баррасӣ карданд.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев дар доираи васеъ бо иштироки ҳайати ду кишвар музокиротро идома доданд.

Сарвари давлатамон вохӯриро ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки Озарбойҷон дӯсти наздик ва шарики боэътимоди стратегии бо мурури замон санҷидашудаи Ўзбекистон мебошад.

Ин ду кишварро дини муштарак, арзишҳои маънавӣ, анъанаҳо, забон ва фарҳанги ба ҳам монанд мепайвандад.

Шавкат Мирзиёев аз сатҳи бадастомадаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд, таҳкими риштаҳои дӯстӣ ва ҳусни тафоҳум байни кишварҳоямон изҳори қаноатмандии амиқ кард. Вай азми худро ба таҳкими минбаъдаи шарикии стратегии Ўзбекистон ва Озарбойҷон ва бо мазмуни нави амалӣ ғанӣ гардондани он тасдиқ кард.

Президенти Ўзбекистон таъкид кард, ки бояд зарфияти бузурги мавҷудаи ҳамкориро ба кор бурда, аз омилҳои мутақобилан ғанӣ гардондани иқтисодиёти ду кишвар истифода бурд.

Аз ҷумла, ба онҳо пешниҳод карда шуд, ки ҳаҷми савдои тарафайнро зиёд гардонанд, кооператсияи саноатиро густариш диҳанд, дар соҳаҳои мошинсозӣ, электротехникӣ, бофандагӣ, винопазӣ, хӯроквcovорӣ, сохтмон, нафту газ, нафту кимё, дорусозӣ, агросаноатӣ ва ғайра як қатор лоиҳаҳоро татбиқ намоянд. Оид ба созмон додани Фонди муштараки сармоягузорӣ ба мақсади коркард ва пешбурди лоиҳаҳои пешомадноки кооператсия дар кишварҳоямон мувофиқа ҳосил шуд.

Ҳамчунин аҳамияти муҳими татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар минтақаҳои озоди иқтисодии воқеъ дар қаламрави ду кишвар ҷиҳати содироти маҳсулот ба бозори кишварҳои сеюм зикр гардид.

Дар ин замина тадбирҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи низоми коммуникатсияи нақлиёт, аз ҷумла роҳи оҳани «Боку - Тбилиси - Қарс» низ мувофиқа карда шуданд. Барои сари вақт барҳам додани монеаҳо дар тиҷорати дуҷониба ва транзити молҳо таҳти роҳбарии вазирони нақлиёт гурӯҳи корӣ таъсис дода мешавад.

Соҳаи дигари пешомадноки кооператсия кишоварзӣ мебошад. Бо ишора ба имкониятҳои мавҷуда дар ин ҷо ба вазирони дахлдор супориш дода шуд, ки «харитаи роҳ»-ро оид ба ташкили кластери истеҳсоли абрешим, пешбурди лоиҳаҳо дар соҳаи пахтакорӣ, ҷорӣ намудани коркардҳои инноватсионӣ ба мувофиқа расонанд.

Дар густариш додани ҳамкории гуногунҷанба робитаҳои бевоситаи байниминтақавӣ нақши муҳим доранд. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки дар ояндаи наздик пойтахтҳо ва шаҳрҳои бузурги ду кишвар ҳамкориҳои шарикиро ба роҳ монанд. Сарвари давлатамон пешниҳод кард, ки имсол дар Тошканд нахустин Форуми минтақаҳо ва намоишгоҳи иқтидори саноатии онҳо баргузор шавад.

Таъкид гардид, ки густариши ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ низ ба таҳкими минбаъдаи робитаҳои тиҷоратӣ ва башардӯстона хидмат хоҳад кард. Президентҳо аз қабули барномаи алоҳида ва баргузории ярмаркаи муштараки сайёҳӣ ҷонибдорӣ карданд.

Зимни суҳбат як қатор созишномаҳои дигар ба имзо расиданд, ки ба таҳкими робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ, аз ҷумла доир ба баргузории Рӯзҳои фарҳанг ва кино, пурзӯр гардондани робита байни мактабҳои олӣ, муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳои варзишӣ ва ҷавонон нигаронда шудаанд.

Бинобар натиҷаи гуфтушунидҳои сатҳи олӣ маросими имзои ҳуҷҷатҳо баргузор гардид.

Президентҳо Шавкат Мирзиёев ва Илҳом Алиев ба Изҳорот дар бораи амиқсозии шарикии стратегӣ ва вусъат додани ҳамкории ҳамаҷониба байни Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон имзо гузоштанд.

Инчунин, бо ҳузури сарони давлатҳо миёни ҳукуматҳо, вазорату идораҳои ду кишвар 18 ҳуҷҷат ба имзо расид. Инҳо, аз ҷумла созишномаҳо дар бораи ҳамкорӣ байни минтақаҳо дар соҳаи саноат, ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ, мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ, карантин ва ҳифзи растаниҳо, дар бораи ҳамкориҳои ҳарбию техникӣ, инчунин барномаи ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ мебошанд.

Ҳуҷҷатҳои мазкур ба амиқсозии ҳамкории амалӣ бинобар як қатор самтҳои пешомадноки ҳамкорӣ байни Ўзбекистон ва Озарбойҷон мусоидат мекунанд.

Дар брифинг барои намояндагони воситаҳои ахбори оммавии маҳаллӣ ва хориҷӣ президентон таъкид намуданд, ки гуфтугӯҳо дар фазои шаффофи дӯстона, боварии тарафайн ва ҳусни тафоҳум баргузор гардида, ҳуҷҷатҳои баимзорасида ба манфиатҳои мардумони Ўзбекистон ва Озарбойҷон хидмат менамоянд.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

***Фикри депутат***

# ДАВЛАТИ ИҶТИМОӢ –ТАМОЮЛИ МУҲИМИ КОНСТИТУТСИОНӢ

***Маълум аст, ки Конститутсия як ҳуҷҷати стратегӣ буда, соҳибихтиёрии ҳар як кишвар, манфиатҳои шаҳрвандон, мавқеъ ва тарзи ҳаёти онҳоро дар ҷомеа муайян мекунад, ки дар рушди давлатдории миллӣ аҳамияти муҳим дорад.***

Аз таҷрибаи мамлакатҳои ҷаҳон маълум мешавад, ки Конститутсия ҳар қадар мукаммал таҳия шуда бошад ҳам, ҳуҷҷати шахшуда намебошад. Баръакс, ин ҳуҷҷати органикиест, ки пайваста бо мурури замон такмил меёбад. Қариб дар тамоми кишварҳои ҷаҳони соҳиби Сарқонун ба Конститутсияҳо ислоҳотҳо, илова ва тағйиротҳои гуногун дохил карда шудаанд, ки ин хусусияти асосии конститутсияҳои муосир мебошад.

Масалан, агар ба таърихи Франсия, ки дар тараққиёти конститутсионӣ роҳи дуру дарозеро тай кардааст, назар кунем, мебинем, ки дар соли 1789, яъне баъд аз Инқилоби бузурги Франсия зиёда аз 20 конститутсия қабул карда шудааст. Охирин Конститутсия дар ин кишвар соли 1958 қабул шуда ва дар тӯли тақрибан 65 соли охир ба он тағйироту иловаҳо дохил карда шудааст.

Ин тағйироти конститутсионии кишварҳои ҷаҳон, пеш аз ҳама, бо талабот ва рӯйдодҳои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза, аз ҷумла давлату ҷомеа ё пешгирии бӯҳронҳои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ, мушкилоти экологӣ ва муаммоҳои муҳити зист, рушди «сабз», ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳукумати электронӣ, бунёди иқтисодиёти рақамнок, рушди инноватсионӣ ва илмию технологӣ, таъмини масъалаҳои ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои инсон, хусусан, ҳуқуқи наслҳои оянда пай дар пай вобаста аст.

Дар ин замина, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон тағйирот ворид кардан талаби давр аст. Зеро, ислоҳоти конститутсионӣ шарти зарурии рушди минбаъдаи мо буда, муҳимтарин вазифаҳои вобаста ба навсозии амиқи кишварамон ва таҳкими минбаъдаи истиқлолияти миллии мо онро зарурати объективӣ мегардонад.

Яке аз тағйироте, ки ба Конститутсияи мо пешниҳод карда мешавад, мустаҳкам намудани тамоюли «давлати иҷтимоӣ» ҳамчун меъёри конститутсионӣ мебошад. Пас, пеш аз ҳама, чунин савол додан табиист, ки давлати иҷтимоӣ чист, хусусиятҳои он чист, чаро ин тамоюл бояд дар конститутсияи мамлакат мустаҳкам карда мешавад, таҷрибаи хориҷӣ дар ин бора чӣ мегӯяд?.

Давлати иҷтимоӣ – ин чунин модели давлатест, ки дар он сиёсати ноил шудан ба сифат ва сатҳи зиндагии шоистаи ҳар як шаҳрванд, рафъи нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷомеа, кумак расонидан ба ниёзмандон пеш гирифта мешавад.

Хулоса, давлат бояд ба ғамхории шаҳрвандони худ бо камоли масъулият муносибат кунад. Зеро, давлати иҷтимоӣ давлатест, ки дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ба дараҷаи некӯаҳволии шаҳрвандон кафолат медиҳад. Дар чунин давлат сохтори таъминоти иҷтимоии ҳар як узви ниёзманди ҷамъият беистисно ҳал карда мешавад, давлат масъулияти дараҷаи муайяни некӯаҳволии шаҳрвандонро ба зимма мегирад.

Агар дар ин бобат ба таҷрибаи давлатҳои хориҷа муроҷиат кунем, мебинем, ки дар сохторҳои байналхалқии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ давлати иҷтимоӣ ба ду тарз, яъне бавосита ва бевосита ифода меёбад. Тамоюли «давлати иҷтимоӣ» дар санади конститутсиявии Британиё, Конститутсияи Италиё, тавассути мафҳумҳо ба мисли «давлати таъминкунандаи фаровонӣ» ё «давлати таъминкунандаи фаровонӣ ва ободӣ» мустаҳкам карда шудааст. Дар намуди бевосита мафҳуми «давлати ҷамъиятӣ» дар моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Федеративии Олмон аз соли 1949 ифода ёфтааст. Аз ин рӯ, Олмон «давлати федеративии демократӣ ва иҷтимоӣ» эълон шудааст. Инчунин, тамоюли «республикаи тақсимнашаванда, дунявӣ, сотсиалӣ ва демократӣ» дар Конститутсияи Франсия соли 1958, тамоюли «давлати иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва демократӣ» дар Конститутсияи Испания дар соли 1978 инъикос ёфтааст.

Бояд гуфт, ки мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» ҳанӯз дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Ўзбекистон инъикос наёфтааст, вале моҳияти сиёсати оммавию инсонпарваронаи Президенти мамлакатамон ба ин тамоюл комилан мувофиқат мекунад. Зеро, дар заминаи ислоҳотҳо, ки дар мамлакатамон ба амал бароварда мешавад, омили инсон ниҳон аст.

Инчунин, ҳоло 50 фоизи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон, ба соҳаи иҷтимоӣ равона карда шудааст. Дар баробари ин мо мебинем, ки тамоюли барномавӣ дар асоси ғояҳои асосӣ, ки «давлат бояд ба мардум хидмат кунад», «қадри инсон аз ҳама волост», «таъмини ризоияти мардум – вазифаи ҳар як хидматчии давлат» қарор гирифтааст.

Имрӯз дар ҳаётамон сохтори ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ, аз қабили «Дафтари оҳанин», «Дафтари занон» ва «Дафтари ҷавонон» дорем, ки бо пайдоиши ин мафҳумҳо ҳамаи мо шоҳиди тағйироти куллӣ дар ҳаёти оилаҳои ниёзманд, камбизоат, оилаҳои ба кумак мӯҳтоҷ, занону духтарон ва ҷавонон ҳастем. Бе муболиға гуфтан мумкин аст, ки ин боз як зуҳуроти равшани он аст, ки давлати мо ба ҳаёти шаҳрвандони худ, имрӯзу фардои онҳо бепарво нест.

Аз ин рӯ, дар Сарқонун, ки тамоюли «давлати иҷтимоӣ»-ро нав мекунад, пешниҳоди муҳр задан як андешаи мантиқиест, ки аз як тараф ба таҷрибаи конститутсионии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ва аз тарафи дигар ба сиёсати иҷтимоиёт нигаронидашуда, оммавӣ ва инсонпарварона комилан мувофиқ аст.

**Қодир ҶЎРАЕВ,**
**депутати палатаи Қонунгузории Олий Маҷлис.**

# ДАВРАИ НАВИ РУШДИ ҲАМКОРИИ ЭНЕРГЕТИКИИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ТОҶИКИСТОН

***Дар зарфи панҷ соли охир дар мамлакатамон як қатор лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетика татбиқ карда шуданд. 2 июни соли ҷорӣ Ўзбекистон ва Тоҷикистон нахустин лоиҳаи муштаракро дар ин соҳа – сохтмони нерўгоҳи барқи обии Ёвонро оғоз карданд.***

***Хабарнигори ЎзА бо сардори Сарраёсати ҷалби сармояҳои хориҷӣ, тайёркунӣ ва мониторинги татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории ҶС «Ўзбекгидроэнерго» Суратилло Исматов дар бораи корҳое, ки ҷамъият дар панҷ соли охир ба анҷом расондааст, инчунин дар бораи рафти сохтмон дар нерўгоҳи барқи обии Ёвон суҳбат орост.***

– Дар ин давра ҶС «Ўзбекгидроэнерго» аз ҳисоби сохтмони нерўгоҳҳои барқи обии нави бузург, миёна ва хурд шумораи онҳоро аз 36 то 50 адад расонд, – мегўяд С.Исматов. – Дар натиҷаи ин корҳо иқтидори умумии гидроэнергетикаи кишварамон имрўз қариб 2052,7 МВт-ро ташкил медиҳад.

Дар айни ҳол дар асоси беш аз 30 лоиҳаи сармоягузорӣ оид ба сохтмон ва навсозии нерўгоҳҳои барқи обии мавҷуда корҳои васеъмиқёс анҷом дода мешаванд.

Чи хеле ки маълум аст, бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 2-3 июни соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ дар кишвари мо буд.

Дар чаҳорчўби ин сафар 2 июн маросими ботантанаи оғози сохтмони нерўгоҳи барқи обии Ёвон дар рўдхонаи Зарафшон баргузор шуд.

Дар рафти музокираҳои сатҳи олӣ ҳайати расмӣ тахти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои муҳими таҳкими минбаъдаи дўстӣ, некҳамсоягӣ ва шарикии стратегии байни Ўзбекистон ва Тоҷикистон, аз он ҷумла рушди ҳамкорӣ дар соҳаи гидроэнергетикаро баррасӣ намуданд. Сарони ду давлат тугмаи рамзиро пахш карда, ба сохтмони нерўгоҳи барқи обӣ оғоз бахшиданд.

**– Дар бораи иқтидор ва имкониятҳои истифодабарии нерўгоҳи барқи обии нав нақл мекардед. Оё дар оянда дигар лоиҳаҳои ба ин монанд татбиқ карда мешаванд?**

– Таъкид кардан ҷоиз аст, ки нерўгоҳи барқи обии Ёвон лоиҳаи бузурги пешомадноки ду кишвар дар соҳаи гидроэнергетика мебошад. Аз ҳама муҳимаш, ин аввалин лоиҳаи бузурги ҳамкории дуҷониба дар самти мазкур аст.

Нерўгоҳи иқтидораш 140 МВт дар таъмини бехатарии энергетикӣ, устувории об ва кишоварзии ду кишвар нақши муҳим хоҳад дошт.

Дар мавриди ҳамкориҳои мутақобилан судманд бояд таъкид кард, ки шахсони масъули ду кишвар дар мавриди бунёди ду нерўгоҳи барқи обӣ дар ҳавзаи дарёи Зарафшон ва асосноккунии техникию иқтисодии фаъолияти онҳо ба мувофиқа расиданд. Мувофиқи созишномаи мазкур сохтмони нерўгоҳи барқи обӣ дар ду марҳала сурат мегирад.

Ҳамин тариқ дар навбати аввал нерўгоҳи барқи обии Ёвон сохта мешавад. Нерўгоҳ барои соле ба ҳисоби миёна истеҳсол намудани 832 миллион киловатт-соат қувваи барқ пешбинӣ шудааст. Иқтидори он 140 мегаватт ва арзиши пешгўишаванда 282 миллион доллар хоҳад буд. Ҷолиби диққат аст, ки нерўгоҳ имконият дорад, ки хароҷоти худро дар зарфи 15 сол пўшонад ва дар давоми 40-50 сол беист кор кунад.

Дар доираи марҳилаи дуюм имкони бунёди нерўгоҳи барқи обии Фондарё бо иқтидори 135 мегаватт ва арзиши лоиҳавӣ 270 миллион доллар мавриди омўзиш қарор дорад. Нерўгоҳи барқи обии мазкур соле ба ҳисоби миёна ба ҳосил намудани 560 миллион киловатт-соат қувваи барқ пешбинӣ шудааст. Он хароҷотро дар зарфи 20 сол мепўшонад ва мисли соли пештара 40-50 сол беист кор мекунад.

**– Оё лоиҳаҳо аз ҳисоби сармоягузории бевоситаи хориҷӣ маблағгузорӣ мешаванд? Ҳаҷми умумии истеҳсоли онҳо ва нақши онҳо дар таъмини шуғли аҳолӣ чӣ гуна аст?**

– Бешубҳа маблағгузории лоиҳаҳо аз ҳисоби сармояи бевоситаи хориҷӣ ба нақша гирифта шудааст. Иқтидори умумии солонаи ин объектҳо ба 1400 миллион киловатт-соат мерасад. Ин, дар навбати худ, эҳтиёҷоти беш аз 600 ҳазор оиларо ба қувваи электр таъмин мекунад. Дар доираи сохтмони нерўгоҳҳои нав ҳудуди се ҳазор ҷойи кори мавсимӣ ва дар натиҷаи ба кор андохтани онҳо беш аз 200 ҷойи кори доимӣ таъсис дода мешавад.

Ба сифати фармоишгари лоиҳаи сохтмони нерўгоҳи барқи обии мазкур бо иштироки ҷонибҳо корхонаи муштарак дар шакли ҷамъияти саҳҳомии TaUz HIDRO таъсис дода шуд.

Дар айни ҳол ҷонибҳо ҷиҳати ҷалби маблағҳои гранти созмонҳои молиявии байналмилалӣ барои маблағгузории тадқиқоти пешазлоиҳа ва омода намудани асосноккунии техникӣ ва иқтисодии лоиҳа чораҳо меандешанд.

ҶС TaUz HIDRO вазифаҳои техникии НБО-ҳои навро таҳия намуда, ширкатҳои машваратии байналмилалиро барои омода намудани асосҳои техникию иқтисодии лоиҳа ҷалб мекунад. Тамоми корҳои муҳандисӣ бо иштироки ширкатҳои пешқадами хориҷӣ дар асоси андозаҳои замонавӣ анҷом дода мешаванд.

Лоиҳа аз ҳисоби сармояҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ, инчунин маблағҳои худии ҷонибҳо, ки ба сармояи оинномавии КМ дохил мешаванд, маблағгузорӣ карда мешавад. Аллакай институтҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Бонки осиёии рушд ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд барои маблағгузории ин лоиҳа ҳавасмандии худро баён карданд.

Бо итминон метавон гуфт, ки дар рушди ҳамкориҳои энергетикии Ўзбекистон ва Тоҷикистон давраи нав оғоз шуд, ки ба беҳбудии мардуми ду кишвар хидмат мекунад.

Мусоҳиб

**Насиба ЗИЁДУЛЛОЕВА,**
**мухбири ЎзА.**

*ЎЗБЕКИСТОН ВА ОЗАРБОЙҶОН:*

# БАРОИ ОЯНДАИ ҲАМКОРИИ ДУ КИШВАР ТАҲКУРСИИ МУСТАҲКАМ ГУЗОШТА ШУД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Роҳбари давлат ҳайати Озарбойҷонро самимона хайрамақдам гуфта, изҳор намуд, ки таърихи пуршаъни байни ду халқ барои рушди ҳамкории бисёрҷанба дар рўзҳои мо заминаи мустаҳкамро фароҳам овард.

– Мо арзишҳои маънавӣ, дини умумӣ, маданият ва забони шабеҳи ҳам дорем, – таъкид кард Шавкат Мирзиёев. – Дар осори илмии Аҳмад Фарғонӣ ва Абурайҳон Берунӣ аз бисёр шаҳрҳои Озарбойҷон ёд мегардад, ки дар онҳо таъсири ҳамдигарии тамаддуни Шарқ ва Ғарб ба вуҷуд омадааст. Дар фонди Пажуҳишгоҳи шарқшиносӣ даҳҳо дастнависҳои нодири шоирон ва мутафаккирони озар, мисли Низомӣ, Хоқонӣ, Тусӣ, Фузулӣ, Хатаӣ ва дигарон эҳтиёткорона ҳифз мегарданд. Ин боз як далели он аст, ки халқи Ўзбекистон аз қадим ба маданияти озар бо эҳтироми амиқ ва таваҷҷуҳ муносибат менамояд, таъкид кард пешвои Ўзбекистон.

– Дар мулоқот дар доираҳои танг ва васеъ мо масъалаҳои рўзномаи дуҷонибаро муҳокима намудем. Гуфтугўҳо бори дигар нишон доданд, ки мо омода ҳастем минбаъд низ ба манфиатҳои халқҳоямон ҳамкориро аз ҳар ҷиҳат мустаҳкам намоем. Ҳамин ҳоло ҷамъи ҳуҷҷатҳои зиёд ба имзо расонда шуданд. Дар байни онҳо Декларатсия дар бобати амиқсозии шарикии стратегӣ ва вусъат додани ҳамкории бисёрҷанба вуҷуд дорад, ки дар муносиботи дуҷониба марҳалаи навро боз менамояд. Мо инчунин самтҳои калидии ҳамкориро муайян намудем, – таъкид кард Шавкат Мирзиёев.

Ҷонибҳо бовар доранд, ки барои куллан фаъол сохтани ҳамкорӣ имконоти васеъ, пеш аз ҳама, омили иқтисодии сарпуркунандаи тарафайн вуҷуд дорад.

Ба роҳ андохтани истеҳсоли муштараки автомобил дар Ганҷигабул, васеъ намудани ҳамкорӣ дар соҳаи истеҳсоли шоҳӣ мисоли ин аст. Даҳҳо лоиҳаи нав дар соҳаҳои истихроҷи нафтукимё, дорусозӣ, масолеҳи сохтмон, нассоҷии омода, озуқаворӣ, ҷавоҳирот, шаробпазӣ таҳия мегарданд.

Самти дигари стратегӣ – рушди коммуникатсияи нақлиёт аст. Имрўз ҳаҷми боркашонӣ, аз он ҷумла бо роҳи оҳани «Боку – Тбилиси – Карс» меафзояд. Ҷонибҳо аҳду паймон намуданд, ки даҳлезҳои навро инкишоф дода, боркашонии мултимодалро меафзоянд, барои корхонаҳои нақлиётӣ шароити муносиб фароҳам меоранд.

Дар партави афзоиши хатарҳои иқлимӣ ва мушкилоти бехатарии озуқаворӣ дар гуфтугўҳо ба масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ эътибори алоҳида нигаронда шуд. Қарор гардид, ки коркардҳои илмӣ ва инноватсионӣ табодул гардида, дар бобати рақамисозии бахши аграрӣ ҳамдастӣ намудан, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ роҳандозӣ гардад.

Дар гуфтугў ба фаъолсозии робитаҳои байниминтақавӣ эътибори алоҳида нигаронда шуд. Барои амиқсозии онҳо тирамоҳи соли ҷорӣ дар Тошканд баргузор намудани Анҷумани якуми минтақаҳо хидмат хоҳад кард.

Дар соҳаи маданиву гуманитарӣ низ мамлакат ва халқҳоямон аз қадим бо риштаҳои умумӣ пайванд ҳастанд. Дар поёни гуфтугўҳо қарор дар бораи баргузор намудани Рўзҳои маданият ва кино дар ду ҷониб, фаъолона инкишоф додани барномаҳои табодули гуманитарӣ ва ҷаҳонгардӣ қабул гардид.

– Ҷамъбасти ташрифи таърихии давлатии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон молики воқеан хусусияти пешраванда дорад. Мо ҳоло тамоми шароитро барои минбаъд мустаҳкам намудани дўстии ду мардуми бародар ва амиқсозии шарикии стратегии мамлакатҳоямон ташаккул додем, – таъкид кард Президенти Ўзбекистон.

Президент Илҳом Алиев барои даъват миннатдорӣ изҳор намуда, таъкид кард, ки аз муваффақиятҳои Ўзбекистон шод мебошад.

– Ман аз он ки дар сарзамини Ўзбекистони бародарӣ қарор дорам ва соҳиби он имконот ҳастам, ки бо Шумо доираи васеи муносиботи дуҷониба ва масъалаҳои муҳими рўзномаи мавзўи сиёсати хориҷиро муҳокима мекунам, шод ҳастам, – таъкид кард Илҳом Алиев. – Ман фикр мекунам, ки ин ташрифи воқеан пешбар аст. Чунки бинобар моҳият ва ҳам шакл, бинобар муҳтавои мавзўъҳои мавриди муҳокима, аз рўи қарорҳое, ки мо расидем, ин ташриф ва қарордодҳо барои рушди минбаъдаи муносибатҳоямон асос мегардад.

Ҳуҷҷатҳои баимзорасида ва иҷрои вазифаҳои имрўза ба он мерасонад, ки муносибати байни мамлакатҳоямон боз ҳам мустаҳкамтар мегардад, таъкид кард роҳбари Озарбойҷон.

– Мо имрўз дар бораи ҳамкории иқтисодӣ, робитаҳои аҳли тиҷорат, масъалаҳои бехатарӣ ва иқтидори дифоъ, мустаҳкамсозии алоқаҳои маданиву гуманитарӣ суҳбат намудем. Яъне ба маънии васеаш, барои ҳамкории фаъоли мо таҳкурсӣ гузошта мешавад, – гуфт Президенти Озарбойҷон.

Роҳбарони давлатҳо хусусияти конструктивии гуфтугў ва аҳамияти дастгирии ҳамдигарро дар доираҳои ниҳодҳои байналхалқӣ таъкид намуданд.

Пас аз он Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев дар ҳамроҳии роҳбари давлатамон бо фаъолияти Технопарк дар Тошканд шинос гардид.

Зимни гуфтугўҳо дар қароргоҳи «Кўксарой» ба вусъат бахшидани ҳамкории саноатии ду мамлакат эътибори алоҳида нигаронда шуд. Майдони муносиб барои ин минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва технопаркҳои мамлакатамон ба шумор мераванд.

Дар Технопарки пойтахт 17 лоиҳа ба миқдори 365 миллион доллар ҷой гирифтааст. Ҳоло татбиқи 13 лоиҳа ба анҷом расида, дар доираи онҳо истеҳсоли ҳисобкунакҳои электронии газ, яхдон, кондитсионерҳои саноатӣ ва василаҳои хунуккунӣ, лифт ва эскалатор, насосҳои обкашӣ, василаҳо барои дару тиреза ба роҳ андохта шудааст. Ин маҳсулот мавқеи худро дар бозорҳои минтақа мустаҳкам менамояд, зеро зери назорати брендҳои хориҷӣ истеҳсол мегарданд.

Соли ҷорӣ корхонаи истеҳсоли маҳсулоти изолятсионӣ, таҷҳизоти обгармкунӣ, техникаи ошхона ва ҳамчунин маркази логистика ба роҳ андохта мешавад.

Ба Президенти Озарбойҷон ва меҳмонон дар бораи бартариҳои маҳсулоти тавлидии ин ҷо нақл карда шуд.

Роҳбарони давлатҳо ба идораҳои соҳавии ду мамлакат таҳия намудани лоиҳаҳои муштарак, андешидани чораҳо доир ба васеъ намудани ҳамкории саноатӣ ва тиҷоратӣ супоришҳо доданд.

Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев дар Хиёбони меҳмонони фахрии қароргоҳи «Кўксарой» ниҳол шинонданд.

Ба ин ташриф хеле ҷиддӣ ва тўлонӣ омодагӣ гирифта шуд. Натиҷаҳои муносиб ба даст омада, таҳкурсии мустаҳкам барои ҳамкории ояндаи ду мамлакат гузошта шуд.

Ниҳоле, ки роҳбарони давлатҳо шинонданд, чун рамзи ин азм ва дўстии халқҳоямон нумўъ меёбад ва қавӣ мегардад.

Боздиди давлатии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев ба кишвари мо идома дорад.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**мухбири ЎзА.**

# КОМЁБИИ ҒАЛЛАКОРОНИ ВИЛОЯТИ БУХОРО

***Мегўянд, ки омадани тобистон аз баҳораш маълум. Агар нақшаи ҳосили аввалини сол – пилла иҷро шавад, ин барои барорнок омадани сол фоли нек аст. Маълум аст, ки имсол кирмакпарварони вилояти Бухоро дар мамлакат аввалин шуда ба марраи мурод расида буданд. Ҳоло бошад, ғаллакорони ҳимматбаланди вилоятамон дар ҷумҳурӣ дар қатори аввалинҳо комёб гардиданд.***

Ислоҳоту ғамхориҳои сарвари давлат бобати рушди хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла низоми такмилёбии таъминоти хоҷагиҳои фермерӣ бо нуриҳои минералӣ, маводи сўзишворию равғани молиданӣ ва дастгирии моддӣ дар ин бора нақши муҳим бозиданд. Ин пешбиниҳо имконият дод, ки нақшаи шартномавии солона дар давоми 18 рўзи корӣ сарбаландона иҷро шавад. Дар давоми сол 2 ҳазору 932 хоҷагии фермерии вилоят дар 60 ҳазору 600 гектар майдон гандуми навъҳои «Старшина», «Алексеевич», «Гром», «Первитса», «Антонина», «Краснодар - 99», «Аср», «Васса» корида онҳоро мувофиқи қоидаҳои агротехникӣ ва таҷрибаи чандинсола парвариш карда ҳосили фаровон фароҳам оварданд. Дар вилоят ташкил ёфтани 13-то корхонаи кластерӣ, ба онҳо вобаста карда шудани 3,5 ҳазор гектар майдон, зиёд гардидани манфиатдории моддӣ, харид бо нархи бозор барин омилҳо боиси пешравии кор шуданд. Дар вилоят бо 202-то комбайни сермаҳсул отрядҳо созмон ёфта, бо онҳо беш аз 1000 автомобили боркашон, 32 таъмирхонаи сайёр, 43 воситаи таъмини сўзишворӣ вобаста карда шуданд. Дар натиҷа то 20 июн дар пунктҳои қабул ба ҷойи 137 ҳазору 300 тонна қариб 145 ҳазор тонна гандум ворид гардид, ки ин баробари 106 фоизи нақшаи шартномавӣ аст. Ба ин комёбӣ саҳми деҳқонони ноҳияҳои Ромитан, Вобканд, Ғиждувон, Қаравулбозор, Қарокўл ва Олот арзанда гардид. Ҳосилнокии майдонҳо дар хоҷагиҳои фермерии «Карим Рабби агро», «Мўъминабону Аброр», «Замин», «Нурбек Азизбек Маҳмуд», «Саъдулло Сиддиқ замини», «Иброҳим Шамшод Зоҳид»-и ноҳияи Ромитан ба 80 сентнерӣ, дар хоҷагиҳои фермерии «Элач шабнами», «Авез Мирзо замини», «Сарвиноз Соҷида Нигина», «Нурулло Амон Амрулло»-и ноҳияи Вобканд 75-80 сентнерӣ, «Яшин», «Боғу Шабнам чорводор», «Аҳмад Олим пахтакор»-и ноҳияи Қарокўл 75 сентнерӣ расид.

Пешбинӣ шудааст, ки аз ҳосили ғалла 1,4 триллион сўм фоида ба даст медарояд. Ҳосили барои худи хоҷагиҳо гузошташуда баҳри фаровонии моддӣ ва нафъбинии кормандони он хидмат мекунад. Ҳоло фаъолияти роҳбарони отряд Зариф Арабов, Сироҷиддин Суннатов, Отабек Қодиров, операторони комбайн Ойбек Қўшиев, Шамшод Сайфиев, Тўлқин Тошев, Йўлдош Исоев, Ҷалол Янгиев, Ёрқул Салимов ва дигаронро эътироф кардан мебояд. Онҳо рўзе 100-120 тоннагӣ гандум ҷамъ оварда ба ғалабаи меҳнатӣ саҳми арзанда гузоштанд.

Ҳамоно дар саҳро ҳосил бисёр аст. Ғаллакорони диловар ният доранд, ки ҳосилнокии майдонҳоро ба 76,5 сентнерӣ ва истеҳсоли ғалларо ба 463 тонна расонанд. Дар заминҳои аз ҳосил холигашта кишти такрорӣ гузаронида шуда, онҳо аз ҷониби гурўҳҳои корӣ ба оилаҳои камдаромад ва ҷавонони бекормонда дода мешавад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**



*Соҳибкорони вилояти Фарғона тавассути маҳаллисозии маҳсулоти саноатӣ ба истеъмолкунандагон маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва молҳои навро пешкаш мекунанд. Корхонаи «Сайқал савдо»-и шаҳри Фарғона истеҳсоли анҷомҳои сўхторхомўшкуниро, ки то ҳол импорт карда мешуд, ба роҳ монд. Дар тўли 20 соли гузашта дар сеҳҳои корхонаи мазкур аробачаи ногиронӣ, ускунаҳои шунавоӣ, материалҳои сохтмон, истеҳсоли коғаз аз санг азхуд карда шуд. Акнун дар ин ҷо соле 600 ҳазор дона анҷомҳои сўхторхомўшкунии 4 ва 5 килограммӣ тайёр карда мешавад.*

***Дар акс:** дар корхонаи «Сайқал савдо»-и шаҳри Фарғона.*

***Суратгир:***
***А.АБДУЛЛОЕВ (ЎзА).***

# РОҲҲО ДИЛҲОРО МЕПАЙВАНДАНД

## Пас аз 30 соли танаффус равуои поезди «Душанбе – Тошканд – Душанбе» барқарор гардид

*Дўстӣ бо мардуми доно накўст...*
***(Ҷалолиддини Балхии Румӣ).***

***Бо ташаббуси роҳбари давлат кушода шудани гузаргоҳҳои сарҳадӣ аз мустаҳкам ва пойдории дўстию бародарии халқҳои минтақа дарак медиҳад.***

***Ба роҳ мондани хатсайри қатораи мусофиркашони “Душанбе – Тошканд – Душанбе” барои мардуми ду ҷумҳурӣ воқеаи фаромўшнопазир гардид.***

21 июни соли ҷорӣ дар вокзали роҳи оҳани “Тошканд” маросими бошукўҳи пешвоз гирифтани қатораи мусофиркашони “Душанбе – Тошканд – Душанбе” баргузор гардид. Бояд ёдовар шуд, ки хатсайри қатораи мусофиркашони байни Тоҷикистону Ўзбекистон аз оғози соли 1990 қатъ гардида буд.

Ба роҳ мондани хатсайри мазкур ҳангоми ташрифи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ўзбекистон, ки моҳи ҷорӣ ба вуқўъ пайваст, пешниҳод гардида буд. Тарафҳо инчунин оид ба зиёд намудани роҳи нақлиёти ҳавоӣ, автобус, роҳи оҳан ва офаридани қулайиҳо дар ин самт шартнома бастанд.

Дақиқаҳои ҳаяҷонбахш фаро расид. Соати 13:43 дақиқа қатораи мусофиркашони рақами 301/302 “Душанбе – Тошканд – Душанбе” ба вокзали “Тошканд” омада расид. Мусофирони аввалини он собиқадорони меҳнат, соҳибкорон, фаъолони маҳаллаҳо, журналистон, эҷодкорон ва намояндагони дигар соҳаҳои Тоҷикистон буданд.

– Албатта, ин чорабиниҳо идомаи дўстию бародарии ду мутафаккири бузург – Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ мебошад, ки ашъори мондагори онҳо асрҳо боз барои халқҳои тоҷику ўзбек хидмат мекунад. Меҳмонони тоҷикистониро ба замини Ўзбекистон хайрамақдам мегўем. Роҳи мусофиркашони қатораи навбунёд ҳамеша бехатар бод, – гуфт сафири Тоҷикистон А. Раҳмонзода.

Ҷонишини вазири нақлиёти Ўзбекистон Абдусамад Мўъминов таъкид намуд, ки қатораи мазкур ҳар ҳафта рўзи душанбе аз шаҳри Душанбе ба роҳ баромада, рўзи сешанбе соати 13:43 дақиқа ба Тошканд омада мерасад. Аз Тошканд рўзи сешанбе соати 16:15 ба роҳ мебарояд.



Инчунин қайд гардид, ки масофаи роҳи оҳан аз Тошканд то Душанбе 916 км.-ро ташкил намуда, 21 соат ҳаракат мекунад. Қатора аз 10 вагон, яъне 4 вагони купе, 5 пласкарт ва вагон-ресторан иборат аст. Он дар байни шаҳру ноҳияҳои Душанбе – Қудуқлӣ – Сариосиё – Қумқўрғон – Дарбанд – Деҳқонобод – Қаршӣ – Самарқанд – Ҷиззах – Гулистон – Тошканд ҳаракат мекунад.

– Ман бо ин қатора омадам. Гўё дар хона нишаста бошам, беосеб, ором, хўрду хўрок, шустушўй дар дарунаш. Мо инро 30 сол боз интизор будем. Ҳамсарам аз Ўзбекистон, омаду рафт дар ин байн хеле мушкил шуд. Ҳатто ба тўю маърака ё дигар маросимҳо сари вақт омада наметавонистем. Қариб ҳафтаҳо вақтамон дар роҳ мегузашт. “Об агар садпора гардад, боз бо ҳам ошност” гуфтаанд. Ба роҳбарони ду мамлакат аз номи куҳансолон ташаккур мегўям, – гуфт дар рафти суҳбат нафақахўри тоҷикистонӣ Аҳад Тўраев.

Меҳмонон ба автобусҳои махсус нишаста аз боғи “Ўзбекистони Нав” ва дигар ҷойҳои ҷолиби диққати Тошканд дидан карданд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**“Овози тоҷик”.**

## ХАБАРҲО

### НАҚШИ ХИДМАТРАСОНӢ ДАР ОБОДИЮ ФАРОВОНӢ

***Роҳбари давлати мо дар ҷамъомади навбатии видеоселекторӣ (7 июни соли равон) дар таъмини аҳолӣ бо шуғл ва баланд бардоштани фаровонӣ муҳим будани рушди хидматрасониро алоҳида таъкид сохта, дар назди масъулон вазифаҳои мушаххас гузошта буд.***

Аз рўйи таъмини супоришоти ў дар ноҳияи Мирободи шаҳри Тошканд, айни замон, корҳои муҳим ба амал бароварда ва ба ривоҷи хидматрасонию сервис эътибори муҳим нигаронида мешавад.

Даҳҳо таҳхонаи манзилҳои бисёрошёна аз таъмири хушсифат бароварда, ба офис ва коргоҳҳои соҳаи хидматрасонӣ мувофиқонида шудаанд. Ба наздикӣ дар Миробод солуни зебоии нав ба ивази 200 миллион сўм барпо ва 18 нафар духтарон ба шуғл фаро гирифта шуданд.

Айни замон бо азхудшавии 4,2 миллион доллари ИМА дар ноҳия меҳмонхонаи замонавӣ ба истифода супурда шуд. Аз 55 нафаре, ки ба кор таъмин гаштанд, 15 нафарашон ҷавононанд. Яке аз онҳо хатмкардаи самти бакалавриати Донишгоҳи иқтисодии Тошканд Искандар Исматов мебошад, ки аз рўи соҳаи худ дар ин ҷо кор ёфта, дар магистратура таҳсилашро давом медиҳад. Ў ният дорад бо андўхтани таҷриба дар хоҷагии меҳмонхона оянда бизнеси шахсии худро ташкил намояд.

### ҶОЙИ МУЛОҚОТИ КУШОД – БОҒИ ИСТИРОҲАТ

***Боғ ва масканҳои барҳаво ва хуррам низ ҳусни пойтахт, ки чун оҳанрабо касро ба худ мекашанд. Боғи “Локомотив” дар кўчаи ба номи Темурмалик ҷойгир буда, пештар номи “Зафар Диёр”-ро дошт.***

Он дар навбати аввал бо сердарахтии худ аз боғҳои дигари истироҳатӣ фарқ мекунад. Дар 1,5 километри ҳудуди боғ “микроклимат” кашида шудааст, ки туфайли он дар гармои тобистон низ худро чун дар ҷойи серун ҳис мекунед.

Дар “Локомотив”, дар оғўши табиати зебо, чорабиниҳои муҳим низ рўи кор меоянд. Чунончи, роҳбарони секторҳои ҳокимияти ноҳияи Мирзо Улуғбек дар ин ҷо мулоқоти кушод бо ҷавононро ташкил карданд.

Дар ноҳияамон 317 ҳазор нафар зиндагӣ намоянд, аз онҳо бештар аз 46 ҳазор нафарашон ҷавононанд, гуфта шуд дар мулоқот. Чорабиниҳои муттасиле, ки ба ҳалли мушкилоти ҷавонон нигаронида шудаанд, хусусан, саъй дар роҳи ба амал баровардани орзуҳои ҷавонӣ самара мебахшанд. Боз таъкид ёфт аз имкониятҳое, ки фароҳаманд, ҷавонамон оқилона истифода мекунанд.

Вохўрии кушоде, ки дар доираи моҳонаи ҷавонон ташкил гашт, бо барномаҳои консертӣ ва баромадҳои бадеӣ боз ҳам хотирмонтар гардид.

### ХАТМКАРДАГОН ДАР ДОНИШГОҲИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

***Ба Донишгоҳи Ўзбекистони Нав дар соли таҳсили 2022/23 300 нафар донишҷўён қабул карда мешаванд. Эътиборан аз соли таҳсили нав дар ин ҷо факултаи идоракунӣ ташкил мегардад. Самти нав ҷавононро ба нозукиҳои муҳандисии нано ва материалҳои пешқадам шинос хоҳад намуд.***

Агентии муассисаҳои таълимии президентӣ ба ин ҷо экскурсияи хатмкардагони муассисаҳои дабистонҳои махсусонидашударо ташкил намуд. Хатмкардагон ба шароитҳои таълимие, ки фароҳам оварда шудаанд, аз наздик шинос шуданд. Устодону профессорони даргоҳ маълумотҳои ҷолиб доданд ва гуфтанд барои онҳое, ки мактабҳои президентиро бомуваффақият хатм кардаанд, дар ин ҷо имтиёзҳо мавҷуд.

Хатмкардагон айни замон аз Боғи миллии Ўзбекистон дидан карданд. Хиёбони адибонро сайр намуданд. Бо адибон вохўриҳо ташкил гардид.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**

# ПАНҶ СОЛИ БОШУКӮҲ

## ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ЧИРЧИҚ ПАНҶСОЛА ШУД

***Ба ҳамагон аён аст, ки соли 2017 дар шаҳри Чирчиқи вилояти Тошканд Донишкадаи давлатии омӯзгорӣ таъсис дода шуд. Дар ибтидо, донишкада дар ҳаҷми се-чор факулта бо теъдоди ками омӯзгорон ва донишомӯзон фаъолияти худро сар карда буд. Ногуфта намонад, ки муассисаи таълимӣ агар кори худро бо чил омӯзгору ҳаштсад нафар донишомӯз оғоз карда бошад, ҳоли ҳозир дар он зиёда аз панҷсад нафар устодон ба ҳашт ҳазор нафар шогирдон сабақ меомӯзанд.***



Ба гуфтаи проректор Б. Ҳусанов на ҳама муассисаи таълимӣ дар ин қадар муддати кӯтоҳ ба чунин муваффақият соҳиб мешавад. Оре, самараи ҳамин гуна пешравиҳост, ки дар назди факултаи фанҳои гуманитарӣ соли 2019 бахши забон ва адабиёти тоҷик низ таъсис дода шуд. Ҳамчунин, худи ҳамон сол дар назди факултаҳои методикаи таълими ибтидоӣ ва таълими томактабӣ таҳсили рӯзонаи гурӯҳҳои тоҷикӣ низ ба роҳ монда шуданд. Алъон, ҳамаи ин шуъбаҳо ҳар сол 25 нафар донишҷӯро қабул менамоянд. Гузашта аз ин, дар факултаи методикаи таълими ибтидоӣ шуъбаи ғоибона низ кушода шудааст, ки 25 нафар довталабонро ҳар сол қабул менамояд.

Ин ҷо мехостем, чанд андешаи худро доир ба кори бахши забон ва адабиёти тоҷик иброз дорем. Ин факулта дар аввал "Таърих ва забонҳо", ном гирифт. Дертар ба "Факултети фанҳои гуманитарӣ" баргардонда шуд. Дар бахши мазкур зиёда аз 1420 нафар донишомӯз дар шуъбаи рӯзона, 120 нафар дар самти таълими магистратура, 1366 нафар дар бахши таълими ғоибона дар аудиторияҳои муҷаҳҳази замонавӣ ва лабораторияҳои ихтисосӣ таҳсил мегиранд. Дар факултет китобхона, лабораторияи таърих, клиникаи юридикӣ, марказҳои "Археология", "Дӯстӣ" ва 6 маркази илмию тадқиқотӣ фаъолият мебаранд.

Факултети фанҳои гуманитарӣ низ баробари пешрафти кори донишкада вусъат меёбад. Дар солҳои хониши 2019-2020 дар нӯҳ бакалавриати он 115 омӯзгор-профессорон ва 995 нафар донишомӯз кор бурда бошад, дар солҳои таҳсили 2021-2022 дар ҳафт бакалавриат ва чор магистратура 150 нафар омӯзгор-профессорон ва 3123 нафар донишомӯзон фаъолият мебаранд. Тариқи бакалавриат ба бахшҳои таърих, забон ва адабиёти ӯзбек, забон ва адабиёти қазоқ, забон ва адабиёти тоҷик, забон ва адабиёти рус ба гурӯҳҳои забонҳои ғайр, кори иҷтимоӣ (худидоракунии шаҳрвандон), ғояи миллию таълими асосҳои маънавият ва ҳуқуқ ҷудо мешавад. Боиси ифтихор аст, ки имрӯзҳо дастпарварони факулта дар бисёр озмунҳои байни донишкадаҳои ҷумҳурӣ иштирок намуда, шарафи донишкадаро ҳимоят мекунанд. Анъанаи устоду шогирд ҳам дар факулта хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Ва самараи он боиси ифтихор аст гӯем, хато намекунем, зеро дастпарвари факултет Нурсултон Шайхисломов ғолиби стипендияи далатии Президенти Ӯзбекистон ва стипендияи давлатии ба номи Алишери Навоӣ мебошад. Гуфтан бамаврид аст, ки донишҷӯёни бахши тоҷикии факулта нисбатан фаъоланд. Онҳо бо либосҳои миллӣ баромад карда, ба ҳусни ҷашнвораҳо меафзоянд. Дар маҷмӯаи эҷодие, ки аз ҷониби факулта ба қарибӣ нашр карда шуд, шеърҳои донишомӯзони курси дуввуми бахши тоҷикӣ – Муниса Раззоқбердиева ва Иброҳим Бозоров низ ҷой доранд. Гузашта аз ин, донишҷӯёни курси дуюм Сабина Давронова, Нозанин Ҷӯраева ва муҳассилини курси саввум – Насим Содиқов низ орзуи қаламкаш шудан доранд.

Декани факултет – номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Равшан Икромов бо изҳори шукру қаноатмандӣ аз натиҷаҳои назарраси факулта ёдовар шуда, мегӯяд, ки ин ҳамагӣ ҳафтод фоизи муваффақиятҳоест, ки мо ба нақша дароварда будем. Зеро мо ба ходимони худ сахт боварӣ дорем. Дар факултет аз рӯйи корҳои илмию тадқиқотӣ дар раванди Кластери инноватсионии таълими педагогӣ ду нафар ба ҳимояи DSc ва панҷ нафари дигар ба ҳимояи PhD, ки ин ҳам аз муваффақиятҳои арзандаи мост. Вай дар ин маврид, ба хусус, ба масъалаи таъмини китобҳои дарсӣ ва маҷмӯаҳои таълимию омӯзишӣ, илмию услубӣ ба забонҳои тоҷикию қазоқӣ истода гузашт. Ҳамчунин омӯзгорони ин самтро вазифадор кардааст, ки бо муассисоти таълими олии кишварҳои ҳамсоя равобитро мустаҳкам намоянд.

Дар ҳақиқат, дар арафаи панҷсолагии донишкада месазад, ки аввалан аз муваффақиятҳои он ҳамчун омӯзгори ҳамин муассиса болем. Сониян, ӯҳдадор ҳастем, ки пайи бартараф кардани мушкилоти мавҷуда камари ҳиммат бандем. Ин аст, ки ҳамкории бевоситаро бо бахшҳои тоҷикии Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Донишгоҳи давлатии Тирмиз, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Фарғона ба роҳ мондаем. Минбаъд ният дорем, ки ин ҳамкориро бо донишгоҳҳои Тоҷикистон низ ба роҳ монда, дар тарбияи мутахассисони касбию соҳавӣ ҳиссагузор бошем.




**Тоҷихон СОБИТОВА,**
**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА,**
**устодони Донишкадаи давлатии омӯзгории Чирчиқ.**

---

*Анҷумани илмӣ*

# АҲАМИЯТИ МЕРОСИ АБУҲАФСИ КАБИР

***Дар Бухорои куҳан аллома ва мутафаккирони бузург, симоҳои шинохтаи илмҳои диниву дунявӣ ба камол расида, дар таърихи инсоният ном гузоштаанд.***

Яке аз чунин алломаҳои машҳур Абуҳафс Кабири Бухороӣ мебошад.

Бояд эътироф намуд, ки номбурда хеле пеш аз мадрасаи "Низомия"-и Бағдод ба мадрасаҳои олӣ дар Бухоро асос гузоштааст. Ба туфайли хидматҳои алломаҳое мисли ӯ дар давраи Эҳёи якум Бухоро ба унвони шарафноки "Қуббат-ул ислом", яъне "Гунбази дини ислом" сазовор гардид. Абуҳафс Кабири Бухороӣ устоди Имом Бухорӣ буд ва Имом Бухорӣ низ дар мадрасаи Абуҳафси Кабир таҳсил гирифтааст.

Албатта, омӯхтан, ҳифз намудан ва ба авлоди оянда расондани мероси ғании бузургони хирад кори бошараф аст. Солҳои охир бо ташаббуси роҳбари давлат дар ин соҳа дигаргуниҳои назаррас ба амал омаданд. Аз ҷумла, бахшида ба тадқиқотҳои мероси илмиву маърифатии Абуҳафс Кабири Бухороӣ якчанд асар нашр шуд, филмҳои ҳуҷҷатӣ омода шуданд. Соли 2023 бо ташаббуси роҳбари давлат ба таври васеъ ҷашн гирифтани 1255-солагии аллома пешбинӣ гардидааст.

Ҳоло дар зиёратгоҳи Абуҳафс Кабири Бухороӣ Маркази машварат доир ба корҳои маънавиву маърифатӣ ва масъалаҳои динӣ фаъолият дорад. Дар он доир ба масъалаҳои оила ва никоҳ, қарз ва ҳам фарз будани донишомӯзӣ, ҳалолӣ, меҳнатдӯстӣ, ватанпарварӣ бари арзишҳои миллӣ аз ҷониби имом-хатибон, руҳшиносони пешқадами вилояти Бухоро маърӯзаҳо шунида мешаванд.

Анҷумани байналхалқӣ таҳти мавзӯи "Мавқеъ ва аҳамияти мероси Аҳмад ибни Ҳафс Кабири Бухороӣ дар офариниши асосҳои илмиву назарии фалсафаи ислом ва Ренессанси Шарқ" дар Бухоро баргузор гардид.

Ҳокими вилоят Ботир Зарифов таъкид намуд, ки мероси ғании динӣ ва маънавӣ, ҳаёт ва зиндагии ибратпазири Абуҳафси Кабир, ки ӯро «Имоми Ҳоҷатбарор» низ мегуфтанд, дар тамаддуни ин сарзамин аҳамияти муҳим дорад.

Мушовири илмии Ташкилоти ҳамкории исломӣ, профессор Аширбек Мӯъминов (Туркия), директори департаменти Ташкилоти ҳамкории исломӣ, профессор Башир Аҳмади Ансорӣ, профессори Донишгоҳи Мичиган Темурхӯҷа Усмонхӯҷа (ИМА), профессори Донишгоҳи Қоҳира Убайд Муҳаммад (Миср) ва дигар олимону таҳлилгарон, ки дар анҷумани онлайнӣ иштирок карданд, доир ба мероси аллома фикрҳои худро баён намуданд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

---

# БА ОЛИМИ БОНУФУЗИ ТАИЛАНДӢ ШАҲОДАТНОМА ДАР БОРАИ ТАЪИН КАРДАНИ САФИРИ САЙЁҲИИ ЗИЁРАТИИ ВИЛОЯТИ СУРХОНДАРЁ СУПУРДА ШУД

***Намояндагони Консулгарии генералии кишварамон дар Таиланд дар конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «Нақши ёдгориҳои буддоӣ дар рушди сайёҳии зиёратӣ дар Ӯзбекистон» иштирок намуданд.***

Дар форуми байналмилалӣ, ки аз ҷониби вазоратҳои сайёҳӣ ва мероси фарҳангӣ, таълими олӣ ва миёнаи махсуси кишварамон якҷоя бо Донишгоҳи давлатии шарқшиносии Тошканд ташкил карда шудааст, олимон ва коршиносон аз Ӯзбекистон, Чин, Ҷопон ва Таиланд иштирок карданд.

Дар форум ҷанбаҳои илмӣ-назариявии рушди самтҳои нави сайёҳӣ дар Ӯзбекистон, таърихи дини буддоӣ дар Осиёи Марказӣ ва таҳқиқоти илмӣ дар ин самт, нақши ёдгориҳои буддоӣ дар ташкили туризми зиёратӣ ва истифодаи самараноки онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Бо ташаббуси Вазорати сайёҳӣ ва мероси фарҳангии Ӯзбекистон шаҳрванди Шоҳигарии Таиланд, пажӯҳишгари таърихи буддизм дар Ӯзбекистон, профессор Пхансак Бунясополфонг шаҳодатномаи сафири сайёҳии зиёратии вилояти Сурхондарё супурда шуд.

**АИ «Дунё»,**
*БАНГКОК*

---

# НАМАНГОН – МИЗБОНИ МУСОБИҚАИ БОНУФУЗ

***Рӯзҳои охир вилояти Намангон ба конфронс, фестивал, анҷуман, форум ва мусобиқаҳои бонуфуз мизбонӣ мекунад. Аз 8 то 14-уми июни соли ҷорӣ Намангон ба мусобиқаҳои бонуфузи саракунии Ҷоми Осиё дар гурӯҳи «С» аз рӯйи футбол мизбонӣ кард.***

Барои чунин мусобиқаи бонуфуз бесабаб Намангонро интихоб накардаанд, чунки ин шаҳр аз рӯйи шумораи ҳаводорони футбол натанҳо дар ҷумҳуриамон, балки дар Осиёи Миёна низ пешқадамтарин ба шумор меравад. Аз ин баҳсҳои суперлига, ки дар варзишгоҳи марказии «Навбаҳор»-и Намангон баргузор мегардад ва тими дӯстдоштаашон «Навбаҳор»-ро дастгирӣ намудани ҳазорон дӯстдорони футбол далолат медиҳад.

Дар нишасти матбуотӣ : «Мо аз ҳеч гуна ҷамоа намеҳаросем, ба онҳо бо эҳтиром муносибат мекунем ва ба майдон фақат барои ғалаба мебароем» – гуфт сармураббии тими яккачини Ӯзбекистон Сречко Катанес.

Гуфтаҳои сармураббӣ дар майдону баҳсҳо исботи худро ёфт. Ҳамдиёронамон аз дақиқаҳои аввали мусобиқа маҳорати беҳамто нишон дода, бар Шрӣ-Ланка ва ҷазираи Малдив бо як хел ҳисоб 3:0 пирӯз шуданд.

Дар мусобиқаи ҳалкунандаи навбатӣ бо тими яккачини Таиланд, ки дар гурӯҳ яке аз зӯртарин ҷамоа буд, ба майдон баромаданд.

Футболбозони мамлакатамон аз дақиқаҳои нахустини мусобиқа дар майдон маҳорати беҳамто нишон дода, борҳо ба сӯйи дарвозаи рақибон ҳуҷум ташкил карданд. Ҷалолиддин Машарипов ба дарвозаи Таиланд дар дақиқаи 8-ум тӯби нахустинро зад. Ҳамдиёронамон аз ин рӯҳбаланд гаштанд. Азизбек Турғунбоев дар дақиқаи 22-юмин ба дарвозаи рақиб тӯби дуюмро зада, ғалабаро мустаҳкам кард.

Тими яккачини Ӯзбекистон дар гурӯҳ ҷойи якумро ба даст оварда, ба марҳилаи навбатӣ роҳхат гирифт.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти НАМАНГОН.*

---

**Аз фаъолияти осорхонаҳо**

***Солҳои охир дар Ӯзбекистон ба рушди фарҳанги миллӣ, бунёди таърихи нав, ҳифз ва тарғиби мероси моддӣ ва ғайримоддии фарҳангӣ, боз ҳам оммавӣ гардонидани фолклор ва санъати ҳаваскорӣ, ҳамгироии фаъоли фарҳанги миллӣ талоши зиёд ба харҷ дода мешавад. Дар ин замина фаъолияти осорхонаҳо мисоли равшан мебошад.***

# ОСОРХОНА – ОИНАИ АСРОРИ ТАЪРИХ

Ҳар як осорхона маконе мебошад, ки аз тариқи экспонатҳо фарҳангу арзишҳои миллиро мунъакис мекунад ва ҳамчун пули байни миллатҳо хидмат менамояд. Дар баробари ин, нақши осорхона дар ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии мардум, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи муҳаббату садоқат ба Ватан низ бебаҳост.

Бад-ин минвол, осорхонаҳо дар омӯзиши таърих, фарҳанг, тарзи зиндагӣ, анъана ва арзишҳои миллии ҳар як миллат, таблиғ ва ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани он нақши созанда мебозанд. Барои ҳамин осорхонаҳоро ганҷи илмию маънавӣ ва маърифатӣ меноманд.

Арзишҳои миллии мо наслҳои навраси кишварамонро ҳамчун инсони аз ҷиҳати маънавӣ баркамол, ватандӯсту инсонпарвар тарбия мекунанд. Ин арзишҳоро мувофиқи талаботи замон омӯхтан, ҷамъоварӣ кардан ва инкишоф додан лозим аст. Танҳо дар он сурат арзиши арзишҳои миллӣ боло хоҳад рафт. Истиқлолияти кишвар дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсӣ, фарҳангӣ гардиши куллӣ ба амал овард. Хусусан, барқарор намудани анъана ва арзишҳои миллӣ, омӯзиши мероси ғании ниёкон, дарки моҳият ва аҳамияти он барои ҷавонон усули нав касб менамояд.

Имрӯз дар мамлакати мо осорхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар самтҳои гуногун фаъолият доранд. Меҳмон дар ҷараёни сафар ба вилояти Навоӣ, албатта, аз Осорхонаи давлатии таърих ва фарҳанги вилояти Навоӣ дидан хоҳад кард. Дар ин маҷмаи бошукӯҳ сайёҳони маҳалливу хориҷӣ метавонанд бо таърих, фарҳанг, санъати кишвар ва вилоят шинос шаванд.

Осорхонаҳо ҳамчун як макони илми маънавию маърифатӣ пайваста инкишоф, таҳаввул ва дигаргун мешаванд. Мунтазам ғанӣ гардонидани захираҳои он, дар ҳолати пурра ба наслҳои оянда мерос гузоштани ашёву коллексияҳо ва нигоҳдорӣ аз ҳар яки мо масъулияти махсусро тақозо мекунад.

Осорхонаҳоро мактаби одамони содиқи касби худ низ метавон арзёбӣ кард. Онҳо дар бораи сирру асрори ҳар як экспонате, ки ба маърази тамошо гузошта шудаанд, ба таври дилписанд нақл мекунанд. Ин низ маҳорати хос ва дониши пурраро тақозо менамояд.

**Гулчеҳра ҶУМЪАЕВА,**
**мудири шуъбаи Осорхонаи таърих ва фарҳанги вилояти Навоӣ.**

---

# ОН ҶОЕ, КИ БОҚӢ РАҲИМЗОДАСТ

## 1. Расми Боқиро дидаед?

Мегуфтанд, он ҷое устод Боқист, дар он ҷо ханда ҳасту хушҳолӣ. Ӯро дидаву аз зарофаташ баҳра бурда, ба ҳаққонияти ин эътироф гувоҳ шудаам.

Вай дар минбар аст. Аҳли ҷамъомад, хусусан наврасону ҷавонон чашм аз ӯ намеканад.

– Бачаҳои азиз, – мегӯяд устод, – эҳтимол аксарияти шумо маро бори аввал мебинед, вале бовар дорам «чеҳраи зебо»-ям бароятон шинос, ҳамин тавр не?

– Бале! – мегӯяд толор баробар.

– Бале, бачаякҳом. Шумо маро аз расмҳоям мешиносед, ки дар газету журналҳо мебароянд. Хусусан як журнал дар муқовааш зуд-зуд расми маро мебарорад. Он кадом журнал?

Донишҷӯён ба якдигар менигаранд. Сукунатро, ки чанд сония давом кард, донишҷӯе мешиканад:

– «Садои Шарқ!» Э, не, «Занони Тоҷикистон!»

Устод Боқӣ механдад, хандаомез лаб ба сухан мекушояд:

– Қариб ёфтӣ, бачем, қариб. Хӯш, кадом журнал?

Маҷаллаҳоеро, ки дар Душанбе чоп мешаванд, як-як пеши назар меорем. Вақт гузашта истодааст. Устод:

– Наёфтед? – саросема мекунад моро.

Кош меёфтем. Меёфтем ва таҳсин мешунидем аз бузургвор. Вале хомӯшӣ, ки ҳукм меронд, вай гуфт:

– «Хорпуштак!»

Бале, дар ҷое, ки устод Боқист, ханда буду шавқу шодӣ.

## 2. Боқӣ Раҳимзода – студенти курси як

Устод Боқӣ нигоҳи меҳромез аз донишҷӯён намеканд ва мегуфт:

– Ҳавасам меояд ба шумо!

Ҳақиқатан рӯзгори донишҷӯӣ барои онҳое, ки синнашон ба ҷое расида, бештар ҳавасангез. Ҳама ҷавон, ҳама зебо. Давраи беғубори умр!

– Ҳавасам, ки омад, медонед чӣ кор кардам? Ҳуҷҷат омода намудам ба институти шумо. Бахт хандад, аз соли таҳсили нав – ман низ студенти курси як.

«Шӯхӣ мекунад ва ё ... дохил шуданист ба шуъбаи ғоибона?»

Бо табассум не, ҷиддӣ сухан меронд устод Боқӣ. Алалхусус содадилҳое, ки аз деҳаанд, бовар карданд. Наход дар ҳамин син дурӯғ гӯяд?

– Шумо мегӯед, бе «танк», бе гуфтугӯ, бе пора дохил шудан душвор? Инро ман ҳам хуб медонам. Майдачуйда карда нанишаста, рост пеши ректор даромадам. Гапзанон кардем. Кор пухт. Ҳамту не? – ба ректори донишкада, ки дар садр нишаста, менигарад устод Боқӣ.

Даст пеши бар, нимхез мешавад ректор Қайюмов:

– Ҳамту! Ман агар ректор бошам, шумо – студент!

Инсонҳои ҳамеша ҷиддӣ ва босалобате чун Қайюмов низ табассум мекунанд. Қоҳ-қоҳ мезананд. Зеро давраоро – устод Боқӣ.

## 3. Изҳори меҳр

Мегӯянд, байни устод Боқӣ Раҳимзода ва ходими намоёни ҷамъиятӣ Рифъат Ҳоҷиев (1925-1997), ки ҳафтдаҳ сол (1971-1987) котиби аввали кумитаи ҳизбии вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) будааст, риштаҳо мустаҳкам буданд.

Театри пуршукӯҳи ба номи Пушкини Ленинобод (алъон театри давлатии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи К.Хуҷандӣ) пур аз одам. Ҳама ба даҳони устод Боқӣ, ки риштаи сухан дар ӯст, нигаранд, нигоҳи вай ба котиби аввали «обком», ки қатори чанд нафар дар президиум нишастааст.

– Меҳри ҷӯрагии ба Рифъатҷон доштаамро бо сухан ифода карданам душвор. Иҷозат диҳед ӯро ба бар кашам ва...

Р.Ҳоҷиев бо табассум аз ҷо мехезад. Шоиру «обком» якдигарро ба оғӯш мекашанд.

– Медонед, руфақо, ман ба куҷои Рифъатҷон ошиқ? Ба мӯйи ҷингилааш! Биё, сари ҷингилаатро як бӯсам...

Чунин мегӯяд устод Боқии паҳлавонқомат ва андак хам шуда, сари бемӯй ва ялаққосии котиби якумро «чалап-чалап» мебӯсад.

Ҳаёҳуи пурзавқ зам мешавад ба гулдурроси қарсакҳои бардавом. Касе нест, ки нахандад ё табассум накунад.

## 4. Аввал хавотир сохт, баъд шод намуд

Ба Ӯзбекистон низ оянд, хандаву нишот меоварад устод Боқӣ.

Назар ба нақлҳо, намояндагони Тоҷикистонро, ки байнашон адибон ҳам буданд, ба заводи оҳангудозии шаҳри Бекобод бурданд. Ба комбинатҳои абрешимресӣ ва бофандагӣ, истгоҳҳои барқи обии соҳилҳои Сирдарёву Зарафшон ва ғайра.

Меҳмононро роҳбари аввали ҷумҳурӣ қабул кард ва таассурот пурсид.

– Азизам Шароф Рашидович, иҷозат диҳед як-ду сухан гӯям, – гуфт Б.Раҳимзода.

– Марҳамат, меҳмони азиз, марҳамат.

– Лекин аввал ҳаминро гӯям, ки дар дили ман гап хоб намеравад. Шарт-шарт мегӯям. Барои ростгӯию чуртгӯиям таъна мешунавам. Ҳозир ҳам фикрамро рӯирост мегӯям ба руфақои ӯзбекистонӣ. Онҳо моро на ба ҷойҳои дигар, балки чаро маҳз ба заводҳо, ба комбинатҳо бурданд, гӯям?



Ҳозирон ботинан безобита шуда, ба якдигар хавотиромез нигаристанд: «Чӣ гуфтанист шоири шарттагӯ? Мабодо...»

– Ҳа, инҳо чизе намефаҳмад нагӯед. Худро ба нодонӣ заданамон мумкин, лекин нағз мефаҳмем, ки чаро моро ба иншоот бурданд.

Аз оҳанги суханронии шоир касе дарк карда наметавонист, ки вай чӣ гуфтанист.

– Шумо моро ба заводи оҳангудозӣ бурдед, то бубинем дӯстии мо мисли пӯлодҳои он чӣ тавр мустаҳкам мешавад, ба комбинатҳои бофандагӣ бурдед, бубинем, ки чӣ гуна риштаҳои дӯстии мо доманадоранд, моро ба соҳилҳои дарё бурдед, бубинем, ки дӯстии аҷдоди мо аз кадом сарчашмаҳо ибтидо мегирад...

Чун устод Боқӣ суханашро ба охир расонд, ҳозирон оҳи сабук кашиданд ва чапак заданд. Аз дӯши Шароф Рашидов низ гӯё бори гарон бардошта шуд. Вай завқ мебурд ва бо рӯмолча оби чашм поккунон мегуфт:

– Ҳеч ӯлманг, Боқиака. Аввал каме хавотир сохтеду баъд шод намудед.

## 5. «Дар хонаи ҳизб дурӯғ гӯям?»

Мошин аз Тошканд ба Самарқанд дар чаҳоруним-панҷ соат расида рафт. Меҳмононро роҳбари онвақтаи Самарқанд Орзу Маҳмудов қабул кард:

– Монда нашуда омадед?

– Сахтакак монда шудем, тақсир, – гуфт Боқӣ Раҳимзода.

Мегӯянд, роҳбари ҳайати адибон Сотим Улуғзода бисёр хиҷолат кашид, норозиёна пичиррос зад: – Ин хел неда, Боқиҷон. Наход надонед, ки мондашавиро ошкор намекунанд. Сипоҳиро бой додан нағз не, дар назди мизбонҳо.

– Пичир-пичир не, баланд-баланд гап занед, Сотимхон. Ман ин хел карда, яъне гапи дурӯғ зада наметавонам. Хусусан дар ҷойи бисёр нозуке, ки нишастаем. Ин ҷо хонаи оддӣ не, хонаи ҳизб! «Йӯл азоби – гӯр азоби», мегӯянд ин мардум. Панҷ соат роҳ рафтем-а?!

Ман, масалан, медонед чӣ қадар монда шудам? Лекин «монда нашудам» гӯям? Не, ба партиямон гапи дурӯғ назадаам ва намезанам...

Лутфи хушоянду беғубори устод Боқӣ тамом шуда-нашуда, аз ҳама баландтар Орзу Маҳмудов қоҳ-қоҳ мезад.

**Муҳаммад ШОДӢ.**

# ДАР СУҲБАТИ РАИСИ МАҲАЛЛА

## ё худ деҳаҳо обод — дилҳо обод



***Дар акс:** намуди умумии яке аз меҳмонхонаҳои навбунёде, ки барои сайёҳони хориҷӣ пешбинӣ шудааст.*

Вай аз хурдсолӣ бачаи кунҷков буд. Аввалин садое, ки ӯро мутаваҷҷеҳ сохт, садои муаззин буд.

— Ин чӣ садоест? — пурсид ӯ аз янгааш момои Асила.

— Садои муаззин аст, — посух дод янгааш, — мардумро ба намоз даъват мекунад.

Муродҷон он вақт чор ё панҷ сол дошт. Ин садо, ки ҳар субҳу шом баланд мешуд, ба гӯшаш нишаста буд. Бачагии беғубори ӯ дар оила ва байни ҳамсоягони обрӯманду меҳнатдӯст ва меҳмоннавоз пайсипар гардид. Пораҳои зиндагии нотакрори бачагӣ ҳар замон хира-хира ба ёдаш мерасанд. Гоҳо ин сатрҳои Лоиқи зиндаёдро зери лаб такрор мекунад, ки ба бачагии беғубор бахшида шудааст:

*Баччагӣ гӯё буду гӯё набуд,*
*Баччагӣ аз мо буду*
*аз мо набуд,*
*Бехабар мондем,*
*то дидем фарсаххо гузашт...*

Берун аз девори ҳавлӣ садои кӯбиши оҳан Муродҷони хурдсолро сӯйи устохонаи оҳангарӣ мебурд. Дастаи асбоби ҳаводиқиро бо ҳамсояписарон бо навбат мекашид, медид, ки оҳани сард дар даруни лахчаи оташ, баъди кӯбиши оҳангари пир – маълӯли Ҷанги дуюми ҷаҳон лаългун гардида, ба асбоби муҳими рӯзгор: белу каланд, досу тешаву корд ва ғайра табдил ёфтаанд.

— Зиндагӣ мисли ана ҳамин оҳангархона аст. Фарзанди инсон дар кӯраи он мисли оҳану пӯлод обу тоб меёбад, мегуфт оҳангари пир, — нақл мекунад қаҳрамони мо. — Бачагиям дар байни мардуми ду деҳа – Собу Синтаб ва дашти Арзанак гузашт. Ҳеч аз ёдам намеравад, падарам сарчӯпони пешсафи шӯъбаи 5-уми хоҷагии давлатии Нурато буд. Боре директори хоҷагӣ Яхшимурод Халилов ба мақсади мукофотсупорӣ чорводорони шуъбаро дар овули Арзанак ҷамъ оварда, дар назди ҳозирон байрақи сурхеро, ки дар он бо ҳарфҳои заррин “Ғолиби меҳнати зарбдор” сабт гардида буд, ба дасти мани хурдсол супорида дархост намуд: ҳама дуо кунанд, то ин бача низ оянда мисли падар дар зиндагӣ комёб гардад, камарбастае дар хидмати халқ бошад. Ҳама даст ба дуо бардоштанд...

Тӯли даҳ сол ба ӯ омӯзгорони пуртаҷрибаи мактаби рақами 38 таълиму тарбия доданд. Баъди хатми мактаби миёна барояш бахти донишҷӯ гардидан насиб гардид. Дар факултети фанҳои умумитехникии Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд ба номи С. Айнӣ аз донишҷӯёни пешсафу фаъол буд. Сабақ аз устодон Нияев, Левиев, Абдураҳмонова, Салим Кенҷа, Ӯрун Воҳидов, Мардон Шарофовҳо доираи ҷаҳонбинии ӯро вусъат бахшид. Бо мурури вақт донишу маҳорати худро зина ба зина сайқал дод. Маҳорати тарроҳии ӯ аз доираи факултет берун рафта буд. Ҳатто донишҷӯёни Донишкадаи меъморӣ низ барои кори дипломӣ ба ӯ рӯйи ниёз меоварданд... Устодаш Нияев истеъдоди ӯро пай бурда, борҳо таклифи дар кафедра мондан ва ба аспирантура ҳуҷҷат супориданро ба миён гузошт.

— Наметавонам, — посух дод Муродҷон, — зеро дар оила фарзанди ягонаам. Бояд дар дами пириашон дасти падару модар гирам...

Кӣ медонад, агар пешниҳоди устодро мепазируфт, шояд имрӯз ӯ ба сифати як олими ба назар намоён ба камол мерасид. Мешавад, ки баъзан ба зуҳури истеъдодҳои нодир шароити зиндагӣ, тангназарӣ ва урфу одатҳо садди роҳ мегарданд...

— Дуюми августи соли ҳазору нуҳсаду ҳафтод бароям рӯзи хурсандӣ буд, — гуфта буд боре ба ӯ бобои Тағоймурод, — зеро ту ба дунё омада будӣ. Бобои Тӯлибой гуфтанд: «Ҳамсоя, ба муроди дилат расидӣ, муборак бошад. Номашро Мурод гузор. Бигузор, дигаронро низ ба мурод расонад...

Муродҷон бино ба роҳхат аз соли хониши 1993-1994 дар мактаби зодгоҳ ба кор шурӯъ кард. Ҷамоаи омӯзгорон ва толибилмон эҳсос карданд, ки бо омӯзгори эҷодкоре сарукор доранд. Маъмурияти мактаб бо назардошти тавону салиқа ва кору фаъолияташ ӯро ба вазифаи ҷонишини директор оид ба корҳои маънавӣ ва маърифатӣ пешниҳод намуд. Дар ин вазифа дастовардҳои ӯ кам набуданд. Солҳое, ки ӯ ба сифати мудири қисми илмии мактаб кору фаъолият дошт, хонандагон дар озмуну олимпиадаҳои вилоятиву ҷумҳуриявӣ ширкат ҷуста, ҷойҳои намоёнро ба даст даровcovered.

Нӯҳ сол дар филиали коллеҷи хоҷагии қишлоқи ширкати Нурато ба сифати роҳбар кору фаъолият дошт...

Соли 2019 аҳли деҳаҳои Собу Синтаби ноҳияи Нурато дар маъракаи интихоботи раиси маҳалла номзадии Муродҷонро низ пешниҳод намуданд. Ғайричашмдошт дар байни се номзад пирӯзӣ насиби ӯ гардид. Бино ба қарори Президент доир ба рушди туризми дохилӣ бисёр мавзеъҳои ҷолиби кишвар, аз ҷумла, Синтаб деҳаи сайёҳӣ эълон гардид.

Роҳи сайёҳоне, ки аз Самарқанду Бухоро дидан мекунанд, бевосита аз қаторкӯҳи Нурато мегузарад. Аз ин рӯ, барои рушди сайёҳии кӯҳӣ дар ин минтақа бисёр корҳо анҷом дода шуданд. Меҳмонхонаҳои хусусии замонавӣ қад афрохтанд, соҳибкорӣ ривоҷ ёфт. Ин ҳама имкон дод, ки бисёр ҷавонон бо шуғл фаро гирифта шаванд. Ҳодисаи хурсандибахши дигар ин аст, ки чанде қабл бино ба қарори Созмони умумиҷаҳонии туризм Синтаб мақоми «Деҳаи сайёҳӣ»-ро ба даст даровард.

— Ҳоло аз кишварҳои гуногуни дунё сайёҳон ба ин деҳаи бостонию бӯстонӣ, ки ҷойҳои ҷолиби диққаташ кам нест, меоянд, — гуфт дар идомаи суханаш раис. — Танҳо дар давраи карантин теъдоди онҳо як андак коҳиш ёфт. Ҳоло бисёр мавзеъҳои хушманзари ин деҳаи кӯҳӣ ба ҷойи фароғату истироҳат табдил дода мешаванд. Дар мавзеи таърихии деҳа — Ҳисор, ки мардум Қурғонаш меноманд, ба мақсади шароити мусоид фароҳам овардан ба сайёҳони хориҷӣ, кӯпруку пиёдароҳҳо сохта мешаванд. Ин ҳама ба ҳусни деҳаи қадима меафзоянд.

Аз моҳи ноябри соли 2021 фирмаи хусусии сохтмонии «Йӯл қурилиш»-и вилоят бо даҳҳо техникаи замонавӣ барои васеъ, тахту ҳамвор ва мумфарш гардондани роҳи деҳа, ки қад-қади рӯди кӯҳӣ тӯл кашидааст, камар баст. Роҳбарони сектор, аз ҷумла прокурори ноҳия Фахриддин Норов дар корҳои ободонӣ саҳмгузоранд. Бо даву ғеҷи ӯ дар минтақаи дашти Синтаб ҷӯйи бетонии обгузар ба дарозии 12 километр бунёд гардид. Ин имкон дод, ки як қисми замини бекорхобида аз худ карда шавад ва даҳҳо нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гарданд.

Дар корҳои ободонӣ ва беҳбудии рӯзгори аҳли маҳалла фаъолони маҳалла Қаҳҳор Гулназаров, Бахтиёр Холов, Дилбар Тӯраева, Дилбар Мунавварова, Мавҷуда Холова, И. Олибоев, Нуриддин Тӯхтамишев, Ҳоҷидеҳқон Мирзоев, Ҳоҷибердӣ Султоновҳо ёвари беғарази раисанд.

Шоир (равонаш шод бод!) Аминҷон Шукӯҳӣ фармудааст:

*Саҳархезу саҳардил бош доим,*
*Чу гул бар ханда моил*
*бош доим.*
*Ба бадхоҳони худ ҳам ҳарфи*
*хуш гӯй,*
*Вале дар ҳукм одил бош доим.*

Моҳи майи соли равон дар ҷамъияти шаҳрвандони маҳаллаи «Синтаб» аз нав маъракаи интихоботи раиси маҳалла баргузор шуд. Аҳли маҳалла Муродҷони чашмикордон ва адлпешаро, ки бо корҳои амалиаш собит намуд, ки беҳбуди рӯзгори мардумро мехоҳад, такрор раис интихоб намуданд.

Боз як хурсандӣ. Ҳокими ноҳия Азамат Файзиев моҳи апрели соли равон вақте дар толори варзишии мактаби рақами 49 бо мардум вохӯрӣ гузаронд, аз ҷумла, изҳор дошт:

— Ба шумоён боз як хабари хушро расонданиям. Имсол деҳаҳои Собу Синтаб ба Барномаи «Деҳаи обод» дохил карда шуданд. Роҳбари мамлакат ба ободии деҳаҳо эътибори ҷудогона медиҳад. Бубинед, маҳз барои ободии Собу Синтаб 19 миллиард сӯм ҷудо карда шудааст. Ин маблағ ба сангфаршу мумфарш кардани 17 километр роҳҳои дохилӣ, шинондани сутунҳои бетонии хати барқ дар масофаи 18,4 км, устувор намудани трансформаторҳои нав, хати лӯлаи об (ба дарозии 10 км), бунёди бинои нави маҳалла, кӯдакистон барои 90 ҷой, таъмири мактаби рақами 38 ва бунёди синфхонаҳо барои 96 нафар хонанда, дар мактаби рақами 49 бунёди синфхонаҳо барои 120 нафар хонанда, аз дасти таъмир баровардани БТД (бунгоҳи тиббии деҳа)-и Соб ва кӯпрукҳо масраф карда хоҳад шуд.

Бале, ба қавли роҳбари мамлакат ислоҳоти созанда бебозгаштанд, ободии маҳаллаҳо ободии дили мардум аст.

**Иззатулло АЛИБОЕВ,**
**муаллими тоифаи олии мактаби рақами 38-уми ноҳияи Нурато.**

***Тобистони хуррами бачаҳо***

Имрӯзҳо дар вилояти Фарғона 17 истироҳатгоҳи статсионарӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо барои истироҳат ва мустаҳкам намудани саломатии писарону духтарон тамоми шароит муҳайёст.

Дар доираи омодагӣ ба мавсими ҷорӣ пойгоҳи моддию техникии истироҳатгоҳҳои «Нилуфар»-и тасаррўфи шуъбаи таълими халқи ноҳияи Данғара, «Юлдуз»-и ноҳияи Олтиариқ, «Меҳнат-роҳат»-и тасарруфи собиқ хонаи Меҳрубонии якуми шаҳри Марғелон, «Ёшлик»-и ноҳияи Фурқат, «Юлдуз»-и ноҳияи Бешариқ мустаҳкам карда шуда, истироҳатгоҳҳои мутобиқгардондашудаи назди мактаб-интернатҳо ва коллеҷҳо ба лагерҳои статсионарӣ кӯчонда шуданд.



# Бачаҳо мавсими тобистонро бо хушнудӣ мегузаронанд

Имсол дар истироҳатгоҳҳои статсионарӣ зиёда аз 11 ҳазор нафар бачагон дар панҷ баст истироҳат мекунанд. Дар айни рӯзҳо дар басти якум зиёда аз 2800 нафар писарону духтарон вақти худро пурмазмун мегузаронанд. Тобистони соли 2022 дар вилоят 123 оромгоҳи доимии кӯдакона ташкил карда шудааст, ки дар онҳо 21500 нафар бачаҳо истироҳат карда, сиҳатии худро мустаҳкам менамоянд.

Дар мактабҳои варзишии бачагонаю наврасони вилоят бо мақсади мустаҳкам намудани обутоби ҷисмонии бачаҳо чемпионатҳои тобистонаи спартакиада аз қабили «Стартҳои шавқовар», «Кӣ чолоку кӣ чаққон», «Варзиш гарави саломатӣ», «Бале, ҷавонон», «Бале духтарон» ташкил карда мешаванд. Ба ғайр аз ин, аз ҷониби маркази маънавият ва маърифати вилоят чорабиниҳои маънавию маърифӣ таҳия шудаанд.

Аз ҷумла, дар истироҳатгоҳи солимгардонии «Ниҳол»-и тасарруфи шӯрои вилоятии федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон, ки дар шаҳри Қувасой воқеъ гардидааст, дар доираи панҷ ташаббуси муҳим, ки аз ҷониби роҳбари давлатамон пеш гузошта шудааст, дар ҳашт самт маҳфилҳо фаъолият нишон медиҳанд. Дар басти якум зиёда аз 170 нафар хонандагон ба гурӯҳҳо тақсим шуда, дар бахшҳои санъати тасвирӣ, забони англисӣ, шоҳмот, футбол, волейбол маҳорати худро такмил медиҳанд. Дар ошхона ва хобгоҳ тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Дар давраи солимгардонии тобистона дар ин ҷо истироҳати 880 нафар бачагон пешбинӣ шудааст.



**М.СУЛАЙМОНОВ,**
**мухбири ӮзА.**

***Дар суратҳо:** лавҳаҳо аз истироҳати бачаҳо.*

***Суратгир: З.УМУРЗОҚОВ. (ӮзА).***

***Дар мавзӯи ахлоқ***

# ПАДАРИ «ЗАМОНАВӢ»

Доир ба тарбияи фарзандон, солиму комил ва бомаданият ба воя расидани онҳо чӣ қадар гӯем, кам аст. Одатан рӯзҳои якшанбе майдончаи бозии назди бинои мо аз ҳаррӯза бештар бо бачаҳо пур мешавад. Диққати маро ду писарбача, ки яке тахминан панҷсола ва дигаре се-чорсола менамуд, ҷалб кард.

Писаракон муштзанӣ мекарданд ва дигарон атрофи онҳоро иҳота карда, бо суханони “Раҳим, исто, бо поят зан, ба шикамаш занӣ нафас гирифтан наметавонад!”, “Санҷар, ба гӯшу бинияш зарба деҳ, чашмонаш сиёҳӣ мезананд!” онҳоро «дастгирӣ» мекарданд.

Падари Раҳим мамнунона муштзании онҳоро тамошо мекард ва ба писараш фармон медод, ки ба рақибаш сахттар зарба занад.

Ин манзараро дида ба писарбачаи хурдакак дилам сӯхт.

Раҳим, ки ҳоло аз падари худ “санъати ҷанг”-ро меомӯхт, оё пагоҳ ба одатҳои дигари номатлуб даст намезанад? Падар-чӣ? Муштзананда ва калтакхуранда ҳам барои ӯ фарзанд-ку? “Ба як бача ҳафт маҳалла падару модар” гуфтаанд. Агар фарзандаш бо чунин тарбия ба воя расад, пагоҳ зарбаи охирин ба худи падар расиданашро наход надонад?

Бо чунин андешаҳо ба падар савол додам:

– Ба ҷойи он ки бачаҳоро аз ҳамдигар ҷудо кунӣ, чаро ба онҳо ҷангро ёд медиҳӣ?

– Бачаҳо дар компутер бозиҳои шумро тамошо мекунанд, ба онҳо пайравӣ кардан мехоҳанд,– ҷавоб дод ӯ.

– Чунин бозиҳои бемаъниро тамошо накарда, онҳоро ба китоб, афсонаю достонхонӣ ҷалб кардан мумкин-ку?

Падари “замонавӣ” норозиёна ба ман нигоҳ карду гуфт:

– Бачаи ҳозиразамон китоб варақ зада намешинад. Бо замон ҳамнафас бояд бошад. Афсонаю достонҳои китоб кухна шуданд.

Аҷиб, падар фарзандашро ба “қаҳрамонҳо”-и «хунхор», ки ҳамаро ба «ҳалокат» мерасонад, пайравӣ карданро мехоҳад ва ба фикри ӯ ин тарзи тарбия тарбияи “замонавӣ” аст ва намедонад, ки бемеҳрӣ, бешафқатӣ, хуни инсонро рехтан ба руҳияти бача таъсир мерасонад.

Қаҳрамонии Алпомиш, Гӯрӯғлӣ, ки яке аз достонҳои бебаҳои эҷодиёти халқ ба шумор меравад, ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ва ҳам ҷисмонӣ фарзандонамонро дар рӯҳи ватандӯстӣ, инсонпарварӣ тарбия менамояд, ки онро дар хурдсолӣ омӯхта будем.

Бачагиамро ба ёд меорам. Рӯзе байни додари 6-7- солаам ва ҳамсолони ӯ бозии “қих-қих” ба вуқӯъ пайваст. Онҳо аз чӯбу тахтача “милтиқ” ва “таппонча” сохта якдигарро “қих-қих” гӯён «мепарронданд». Момоям, ки дар рӯйи суфачаи ҳавлӣ нишаста ин манзараро тамошо мекард, давида рафта “таппонча”-и додарамро гирифту шикаст ва гуфт, ки “илоҳо, номи ҷанг нест шавад!”. Момоям ду писарашро, ки яке 19 солаю дигараш 21 сола буд, ба ҷанг фиристодааст. Яке аз онҳо аз ҷанг барнагаштааст.

Момоям ҳамаро ба гирдаш шинонда, аз ҳуҷуми босмачиҳо сар карда, то ҷанги Гирмон, беному нишон рафтани бобою падарон, дар зери оташ мондани хонаву ҷой, оқибатҳои даҳшатовари он, ятим мондани кӯдакон, ба як бурда нон зор шудани мардум ҳикоя кард. “Бачаҳоям, ба якдигар меҳрубон, ғамхор ва дӯст шавед. Мактаб хонед, меҳнат кунед, меҳнат ба инсон роҳат мебахшад”,– таъкид кард момоям. Ӯ оиди бозиҳои шавқовари рустшавакон, чилликбозӣ, байтбараку чистонгӯӣ ба бачаҳо фаҳмонд.

Оре, халқамон аз қадимулайём арзишҳои миллиро пос доштааст. Мо низ ба онҳо эътиқод доштем. Имрӯз фарзандонамонро низ бояд бо чунин рӯҳият тарбия намоем.

Дар ин боб Абдураҳмони Ҷомӣ чӣ некӯ фармудааст:

*Сафҳаи зар бувад дафтари умри*
*ҳама халқ,*
*Инчунин гуфт хирадманд,*
*ки андеша гумошт.*
*Хуррам он кас, ки ба ин дафтари*
*пок аз ҳама ҳарф,*
*Рақами хайр кашиду асари хайр*
*гузошт.*

**С. РӮЗИЕВА,**
*ноҳияи НУРАТО.*

***Конститутсияи ҷумҳуриамон ҳаёт, шаъну шараф, ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро ҳамчун арзиши олӣ эълом мекунад.***

# ФАЪОЛОНА ИШТИРОК МЕНАМОЯНД

Имрӯзҳо дар саросари мамлакатамон бахшида ба амалӣ гардонидани ислоҳотҳо дар Конститутсия бо иштироки шаҳрвандон пешниҳоду тавсияҳои онҳо мавриди муҳокима қарор гирифта, андешаю дархостҳояшонро ба комиссияи конститутсионӣ тақдим менамоянд.

Чанде пеш дар Донишгоҳи давлатии Намангон, бахшида ба муҳокимаи дигаргуниҳо дар конститутсияи Ӯзбекистон ҷамъомад баргузор гардид. Дар он профессорон ва омӯзгорон, донишҷӯён фаъол иштирок карда, оиди масъалаи дохил кардани дигаргуниҳо ба конститутсия пешниҳодҳои худро баён карданд.

– Дар донишгоҳамон баҳри баланд бардоштани фаъолии аҳолӣ дар ҷараёни ворид кардани ислоҳот ба Қонуни Асосии давлат – Конститутсия корҳои тарғиботӣ хуб ба роҳ монда шудааст, – гуфт декани факултаи забон ва адабиёти ӯзбек, доктори илми филологӣ Умидҷон Қузиев.

–Мо донишҷӯёни факултаи таърих баробари дар муҳокимаи конститутсия фаъол иштирок кардан, корҳои тарғиботиро дар маҳалҳо низ ба роҳ монда истодаем ва ҳамчун омӯзгорони ояндаи фанни таърих нафақат ҳозир, балки дар оянда ҳам корҳои тарғиботиро давом медиҳем, то ки насли наврас аз синни мактабхониаш Сарқонуни мамлакатамон – конститутсияро омӯзанд, – таъкид кард донишҷӯйи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Намангон Мадина Аҳмадова.

**А.МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 4812 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.